# ФАРМОИШИ
# РАИСИ КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

"1" 05 соли 2023 №84/ол шаҳри Душанбе

*Дар бораи рад кардани додани дараҷаи илмӣ*

Мутобиқи сархати 17 бандҳои 9 ва 18 Низомномаи муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» (фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 ноябри соли 2021, №270), бандҳои 7, 37, 108 ва 116 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267),

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Қарори шурои диссертатсионии 6D.КОА – 011 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон "Оид ба додани дараҷаи илмии номзади илмҳои физикаю математика аз рӯйи ихтисоси 01.01.01 - Таҳлили ҳақиқӣ, комплексӣ ва функсионалӣ ба Абдуҳаминов Мунъим Абдумамадович" бинобар риоя нагардидани талаботи банди 42 Низомномаи шӯрои диссертатсионӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ва банди 92 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) бекор ва дар ин асос дархости Шуро рад карда шавад.

2. Ҳимояи такрории диссертатсияи Абдуҳаминов Мунъим Абдумамадович барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои физикаю математика аз рӯйи ихтисоси 01.01.01 - Таҳлили ҳақиқӣ, комплексӣ ва функсионалӣ пас аз 3 моҳи ба тасвиб расидани фармоиши мазкур ба роҳ монда шавад.

3. Фармоиши мазкур дар муҳлати 10 рӯз аз рӯзи ба имзо расидан дар сомонаи Комиссия ҷойгир карда шавад.

4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба уҳдаи муовини раиси Комиссия Иброҳимзода Д.Э. гузошта шавад.

Асос: хулосаи шуъбаи аттестатсионии илмҳои табиӣ – математикӣ ва техникӣ ва қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 апрели соли 2023, №5.

Раис Розиқзода А.